**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ҚАРОР**

# Дар хусуси тасдиқи Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуҳуҳ ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва таъсиси Шӯрои байнидавлатӣ оид ба масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ

Мутобиқи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1) Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва таъсиси Шӯрои байнидавлатӣ оид ба масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ, ки 19 ноябри соли 2010 аз ҷониби Шӯрои сарони ҳукуматҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Санкт-Петербург ба имзо расидааст, тасдиқ карда шавад.

2) Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ ҷиҳати татбиқи Созишномаи мазкур тадбирҳои зарурӣ андешад.

3) Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида Кумитаи иҷроияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро дар бораи аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатие, ки барои эътибор пайдо кардани Созишномаи мазкур заруранд, огоҳ намояд.

**Раиси**
**Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

**аз 1 июли соли 2011 № 329**
**ш. Душанбе**